# ФАРМОИШ

Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои
эъломияҳо ва ҳисобҳои андоз

Дар асоси талаботи моддаҳои 158, 189, 208, 218, 219, 260, 261, 268, 282 ва 311 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Шаклҳои эъломияҳо ва ҳисобҳои андози зерин тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 – 8):

а) Эъломияи ягона барои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ;

б) Эъломияи андоз аз арзиши иловашуда;

в) Эъломия оид ба аксиз;

г) Эъломияи андоз аз фурӯш (нахи пахта ва алюминийи аввалия);

д) Эъломияи андоз аз фурӯш (ҳангоми истифодаи низоми гумрукии коркард);

е) Ҳисоби андоз аз воситаҳои нақлиёт;

ё) Эъломияи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул;

ж) Эъломияи андоз аз бизнеси бозӣ.

2. Эъломияҳо ва ҳисобҳои мазкур бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда шаванд.

3. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои дар рӯзномаҳои «Боҷу хироҷ» ва «Ҷумҳурият» нашр намудани эъломияҳо ва ҳисобҳои мазкур, инчунин ба мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон дастрас намудани онҳо чораҷӯӣ намояд.

4. Фармоиши мазкур баъд аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ аз санаи 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

5. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солиев А.М. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатов**